

# ДЕПАРТАМЕНТИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВИИ НАЗДИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ҲИСОБОТИ СОЛОНА

## соли 2018

© ДЕПАРТАМЕНТИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВИИ НАЗДИ
БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН , 2019

## Ихтисор

| | |
|---|---|
| **ҶТ** | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **КҶ** | Кодекси ҷиноятӣ |
| **БМТ** | Бонки миллии Тоҷикистон |
| **ДММ** | Департаменти мониторинги молиявӣ |
| **МКМ** | Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| **МҚД/МТ/МПСҚО** | Муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳиқатли ом |
| **БХМ** | Баҳодиҳии хавфи миллӣ |
| **КДАМ** | Кумитаи давлатии амнияти миллӣ |
| **ВКД** | Вазорати корҳои дохилӣ |
| **АНМН НПҶТ** | Агентии назорати маводи нашъовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **АНДМ ва МК ҶТ** | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **ФАТФ** | Гурӯҳи тадбиқи чораҳои молиявӣ |
| **ГАО** | Гурӯҳи Авруосиё |

# Мундариҷа


САРСУХАН ........ 3

**БОБИ 1.** САМТИ ҚОНУНГУЗОРӢ ........ 4

**БОБИ 2.** ҶАМЪОВАРӢ ВА ТАҲЛИЛИ МАЪЛУМОТҲО ........ 8

- Коркарди маълумотҳо ........ 8
- Самти фаъолияти амалӣ ........ 11
- Назорати ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда ........ 16
- Ҳамкории байниидоравӣ ........ 19

**БОБИ 3.** ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ........ 28

- Ба имзо расонидани созишномаҳои ҳамкорӣ ........ 28
- Иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ-омӯзишӣ ........ 29

**БОБИ 4.** ДАВРИ 2-ЮМИ БАҲОДИҲИИ ТАРАФАЙНИ НИЗОМИ МИЛЛИИ МҚД/МТ/МПСҚО-И ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ........ 31

- Ҷаласаи 28-уми Пленарии ГАО ва Ҷаласаи 11-уми Шӯрои Роҳбарони Воҳидҳои кашшофии молиявии давлатҳои аъзои ИДМ ........ 37
- Ҷаласаи 29-уми Пленарии ГАО ва Ҷаласаи 11-уми Шӯрои Роҳбарони Воҳидҳои кашшофии молиявии давлатҳои аъзои ИДМ ........ 41

**БОБИ 5.** СЕМИНАРУ ОМӮЗИШҲО ........ 45

- Чорабиниҳои омӯзишӣ дар с. 2018 ........ 46
- Чорабиниҳои омӯзишӣ тавассути алоқаи видеоконфронсӣ дар с. 2018 ........ 49



# САРСУХАН

“.....Дар паёмҳои қаблӣ ва дигар суханрониҳо ман андешаҳои худро доир ба афзоиши хатари терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир изҳор карда будам.

Шиддати ин хатару таҳдидҳои ҷаҳонӣ, мутаассифона, имрӯз ҳам паст нашудааст.

Аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вақтҳои охир дастгир шудани гурӯҳҳои ҷиноятие, ки мехостанд дар минтақаҳои сарҳадӣ ва дохили Тоҷикистон амалҳои террористӣ анҷом диҳанд, гувоҳи ин гуфтаҳост.

Бинобар ин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомиро зарур аст, ки бо ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ, инчунин, бо истифода аз шаклу усулҳои муосир муборизаро бар зидди терроризм ва экстремизм, зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқу муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар қонуншиканиҳо тақвият диҳанд.

Дар ин раванд, диққати асосӣ бояд ба пешгирӣ намудани терроризму экстремизм, шомилшавии шаҳрвандони мамлакат ба созмону ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ ва ба Ватан баргардонидани шахсони гумроҳшуда равона карда шавад...”

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -
Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон



# БОБИ 1. САМТИ ҚОНУНГУЗОРӢ

**Қобили қайд аст, ки дар давраи ҳисоботӣ Департамент фаъолияти зеринро дар самти мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ба талаботи тавсияҳои ФАТФ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ анҷом додааст:**

| | |
|---|---|
| **Консепсияи миллии МКД/МТ/МПСҚО, от №1033** | Лоиҳаи Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025 ва Нақшаи амалисозии он таҳия гардида, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.03.2018, таҳти №1033 тасдиқ карда шуд. |
| **Қонуни ҶТ “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”** | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳия гардида, он аз 17.05.2018, таҳти №1515 қабул гардид. |

| | |
| --- | --- |
| **Дастурамал оид ба ташкили ҳамкорӣ** | Лоиҳаи Дастурамал оид ба ташкили ҳамкорӣ дар бораи табодули маълумот байни Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистонва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО таҳия гардида, аз ҷониби роҳбарони аввали мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ моҳи феврали соли 2018 ба имзо расонида шуда, ба онҳо барои корбарӣ ирсол карда шуд. |
| **Дастурамали №200 “Дар бораи муайян ва санҷидани шахсияти муштарӣ ва молик-бенефитсиар”)** | Лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №200 “Дар бораи муайян ва санҷидани шахсияти муштарӣ ва молик-бенефитсиар” таҳия гардида, бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 12.03.2018, №29 тасдиқ карда шуда, тағйиру иловаҳо дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд. |
| **Феҳристи амалиётҳои аҳд ва амалиётҳои шубҳанок** | Лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Феҳристи амалиётҳои аҳд ва амалиётҳои шубҳанок таҳия гардида, бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2018, таҳти №28 тасдиқ карда шудааст. |
| **Низомномаи Департаменти мониторинги молиявӣ** | Низомномаи Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия гардида, бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 09.02.2018, №16 тасдиқ карда шуд. |
| **Дастурамали №234 “Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир** | Кормандони Департаменти мониторинги молиявӣ дар якҷоягӣ бо кормандони Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор лоиҳаи Дастурамали №234 “Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъорӣ” дар таҳрири нав таҳия намуда, он бо Фармони Хадамоти гумрук аз 02.03.2018, таҳти №42-ф ва Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 12.03.2018, таҳти №30 тасдиқ гардида, дар Вазорати адлия ба қайд гирифта шуд. |

| | |
|---|---|
| **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”** | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ” таҳия гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуд ва аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. |
| **Қонуни ҶТ “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ”** | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ” таҳия гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуд ва аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. |
| **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ”** | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” таҳия гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуд ва аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. |
| **Қонуни ҶТ “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО** | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” таҳия гардида, барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол карда шудааст. |
| **“Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба манъ ва бекор кардани манъи воситаҳои молиявӣ ё дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд”** | Лоиҳаи “Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба манъ ва бекор кардани манъи воситаҳои молиявӣ ё дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд” таҳия гардида, барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол карда шудааст. |

**Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд дар самти МҚД/МТ/МПСҚО**

Лоиҳаи “Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд дар самти МҚД/МТ/МПСҚО” таҳия гардида, бо тартиби муқарраршуда бо сохторҳои БМТ мувофиқа расонида шуд ва барои баррасӣ ба гурӯҳи корӣ оид ба таҳрир намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар ҷаласаи Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон баррасишаванда пешниҳод гардид. Тибқи қарори гурӯҳи корӣ лоиҳаи мазкур барои баррасӣ ба Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ ирсол карда шуд.

**Низомномаи маркази омӯзишӣ-методӣ**

Лоиҳаи Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаи маркази омӯзишӣ-методӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон” омода гардида, бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 07.12.2018, №166 тасдиқ шудааст.

**Диаграмма 1. Мутобиқнамоӣ ва таҳияи қонуну санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО соли 2018 нисбат ба соли 2017**





# БОБИ 2. ҶАМЪОВАРӢ ВА ТАҲЛИЛИ МАЪЛУМОТҲО

## Коркарди маълумотҳо

Дар асри 21 ҷомеаро раванди гузариш ба технологияи инноватсионӣ фаро гирифтааст, ки сатҳи иқтисоди миллӣ ва истиқлолияти тамоми дигар соҳаҳои ҳайётӣ ба ин сахт вобастагӣ доранд. Имрӯз, пешрафти аксари соҳаҳои ҷамъияти инсонӣ натанҳо аз тараққиёти технологияи инноватсионӣ вобаста аст, балки наметавонад бе он инкишоф ёбад, зеро таъминоти моддии аҳолии рӯи заминро, ки рӯз то рӯз афзуда истодааст, таъмин менамояд.

Барои иҷро намудани вазифаҳои худ дар Департаменти мониторинги молиявӣ барномаи коркарди маълумотҳо “Smart Vision+” насб карда шудааст. Барномаи мазкур қобилияти қабул, коркард ва таҳлили ҳисоботҳоро дошта, ҳамарӯза аз ҷониби ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, дар шакли муайяншудаи барномаи мазкур маълумот оид ба аҳди/амалиётҳои шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда пешниҳод гашта истодааст.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии таҳлили амалиётҳо, аз ҷониби кормандони Департамент модули афзалиятнокӣ омода карда шуд. Ҳамчунин, кормандони Департамент , модули “Равзанаи ягона” вобаста ба маълумотҳое, ки аз ҷониби вазорату идораҳои ҷумҳурӣ дастрасӣ мегарданд, омода намудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ин давра ба таври фосилавӣ ҳолати дуруст ва саривақт пешниҳод намудани маълумотҳо аз ҷониби ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт анҷом медиҳанд, тибқи талаботи шакли Ҳисоботии №101 “Оид ба аҳди/амалиёти шубҳанок ва ҳатман назоратшаванда” санҷида шуда, дар доираи камбудиҳои ошкоргардида бо шахсони мутасаддӣ 103 омӯзиш ҷиҳати саривақт ва дуруст пешниҳод намудани ҳисоботӣ №101, гузаронида шуда, дар ин замина ба онҳо номи истифодабаранда ва рамзи махфӣ оид ба дастрасӣ ба барномаи коркарди маълумотҳо “Smart Vision+”дода шуд.

## Ҷадвали гузаронидани омӯзишҳо ҷиҳати саривақт ва дуруст пешниҳод намудани ҳисоботӣ №101

| | | |
|---|---|---|
| Ташкилотҳои карзӣ | 39 | 2018 |
| Ташкилотҳои суғурта | 16 | |
| Ташкилотҳое, ки молу мулки ғайриманкул, фулузоту сангҳои қиматбаҳо ва маснуоти заргарӣ хариду фурӯш мекунанд | 7 | |
| Ташкилотҳое, ки тотализатор ва идорацои букмекерк доранд, инчунин бозицои лотерея ва дигар бозиҳои бурднокро барпомекунанд, ки дар онҳо ташкилкунанда дар байни иштирокшиён фондищоизавк, аз ҷумла дар шакли электронкмегузорад | 8 | |
| Ломбардҳо | 11 | |
| Ширкатҳои аудиторӣ, аудиторҳои инфиродӣ | 16 | |
| Нотариус | 6 | |
| Ташкилотҳои алоқаи почта | 1 | |

Ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк амалиёт мегузаронанд, инҳоянд:



Ташкилотҳои қарзӣ



Суғурта



Сангҳои киматбаҳо



Нотариусҳо



Букмекерҳо, лотореяҳо, тотализаторҳо



Ташкилотҳои алоқаи почта



Ломбардҳо





Фондҳои сармоягузорӣ



Адвокатҳо



Ширкатҳои аудиторӣ



Траст



Хадамоти гумрук

## Самти фаъолияти амалӣ

Дар ин давра Департамент дар доираи салоҳият ва вазифаҳои худ дар самти МКД/МТ/МПСҚО ҳамкориро бо мақомоти назоратӣ ва ҳифзи ҳуқуқи ҶТ, инчунин, мақомоти кашшофии молиявии (МКМ) хориҷӣ идома дод.

Ҳамчунин, дар давраи зикргардида, Департамент ба 195 адад дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ватанӣ ва ба 37 адад дархостҳои мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ саривақт ҷавобҳои дахлдор ирсол намуд.

Дар баробари ин, аз ҷониби Департамент ба мақомоти дахлдори ватанӣ 313 адад дархостҳо ва ба мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ бошад, 116 адад дархостҳо барои пешниҳоди маълумот ва корбарӣ ирсол гардиданд.

Ҷадвали 1.

| Шумораи мукотибот бо мақомоти дахлдори ватанӣ | 2017 | 2018 |
|---|---|---|
| Ирсолшуда | 127 | 313 |
| Воридшуда | 202 | 195 |



Ҷадвали 2.

| Шумораи мукотибот бо мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ | 2017 | 2018 |
|---|---|---|
| Ирсолшуда | 124 | 116 |
| Воридшуда | 54 | 37 |



## Ҷадвали маводҳои ташаббусии ирсол намудаи Департамент ба мақомоти дахлдори ватанӣ чунин аст:

Ҷадвали 3.

| Шумораи маводҳои ташаббусии ирсолшуда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | 2017 | 2018 |
|---|---|---|
| Дар самти маблағгузории терроризм | 38 | 82 |
| Дар самти қонунигардонии даромадҳо | 6 | 23 |



## Ҷадвали 4. Ҷадвали натиҷаҳои Департаменти мониторинги молиявӣ дар доираи маводҳои пешниҳодшуда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

| Ташаббус | Аломат | Ҷиноят бо модда | соли 2017: Шумораи парвандаҳои ҷиноятӣ | соли 2017: Шумораи шахсон | соли 2018: Шумораи парвандаҳои ҷиноятӣ | соли 2018: Шумораи шахсон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | Ҷиноятҳои хусусияти террористи дошта | 401.1 | 6 | 6 | 0 | 0 |
| | | 179.2 | 12 | 12 | 7 | 7 |
| | | 179.2 ва 187 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| | | 179.2, 187 қ.2 ва 307.2 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| | Дигар ҷиноятҳои предикатӣ | 292 | 1 | 1 | 0 | 0 |
| | | 287 ва 340.2 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| | | 287, 340.2 ва 247 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| | | қ. 2, 3, 5, моддаи 36, 320 ва 340 | 0 | 0 | 1 | 7 |
| | | 262 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| Ҳамагӣ | | | 19 | 19 | 13 | 19 |

## Ҷиноятҳои хусусияти террористидошта




## Дигар ҷиноятҳои предикатӣ



## Назорати ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда

Дар соли 2018 санҷиши мавзӯии 6 ташкилоти қарзӣ, санҷиши ҳамаҷонибаи 27 ташкилоти қарзӣ, ва инчунин санҷиши ҳамаҷонибаи 2 ташкилоти суғуртавӣ (санҷиши ҳамаҷанибаи 15 бонк, 12 ташкилоти амонатии қарзии хурд ва 2 ташкилоти суғуртавӣ ва манҷиши мавзӯии 5 бонк ва 1 ташкилоти амонатии қарзии хурд) гузаронида шуда, дар асоси камбудиҳои ҷойдошта дар умум чунин чораҳо татбиқ карда шудааст:

- 480 000 сомонӣ ҷаримабандӣ (санҷишҳои ҳамаҷонибаи ташкилотҳои қарзӣ);
- 100 000 (санҷиши мавзӯии 1 бонк);
- 60 000 сомонӣ ҷаримабандӣ (санҷиши фосилавии 1 ташкилоти амонатии қарзии хурд);
- 23 Амрнома (5 бонк ва 1 ташкилоти амонатии қарзии хурд дар натиҷаи санҷиши мавзӯӣ, 6 бонк ва 6 ташкилоти амонатии қарзии хурд дар натиҷаи санҷиши ҳамаҷониба, 3 бонк ва 1 ташкилоти амонатии қарзии хурд дар асоси таҳлилҳои фосилавӣ ва ба 1 бонк дар асоси аризаи шаҳрванд);
- 11 Протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (ба 5 кормандони масъули ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва 4 бонк 21 100 ҷазои маъмурӣ дар намуди “Ҷарима” дар умум баробар ба 21 100 сомонӣ таъин карда шудааст). Инчунин, Протоколҳои тартибдодашуда нисбат ба кормандони масъули 1 бонк ва 1 ташкилоти қарзии амонатии хурд дар баррасии Суд қарор доранд;
- Нисбати 21 нафар чораҳои интизомӣ дар намуди Огоҳӣ/Танбеҳ/Сарзаниш;
- 14 нафар аз вазифаҳои ишғолнамудаашон озод карда шудааст;
- Инчунин, ба 5 нафар корманди дигар муҷозоти интизомӣ дар шакли “Маҳрум намудан аз мукофотпулӣ” андешида шудааст.

## Санҷишҳои ҳамаҷониба дар соли 2018

| Бонкҳо | ТАҚХ | Суғурта |
| --- | --- | --- |
| 15 | 12 | 2 |

## Санҷишҳои мавзӯӣ дар соли 2018

| Бонкҳо | ТАҚХ |
| --- | --- |
| 5 | 1 |

## Санҷишҳои фосилавӣ дар соли 2018

| Бонкҳо | ТАҚХ |
| --- | --- |
| 3 | 1 |

## Чораҳои таъсиррасони пешбинишуда — 2018




## Ҷаримаи ташкилотҳои қарзӣ (бо сомонӣ) — 2018



## Ҳамкории байниидоравӣ

Ҷаласаҳои Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО)

Дар соли 2018 дар Бонки миллии Тоҷикистон 4 маротиба ҷаласаҳои Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО зери роҳбарии Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Ватанзода М.М. (Роҳбари Комиссия) баргузор гардиданд. Қобили зикр аст, Комиссия аз худ як ниҳоди ҳамҳангсози ватанӣ дар самти таъмини иҷроиши муқаррароти қонунгузорӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО ва густариши ҳамкорӣ байни мақомоти марбутаи давлатӣ дар ин самт фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

ҲАЙАТИ КОМИССИЯИ ДОИМОАМАЛКУНАНДАИ
БАЙНИИДОРАВӢ ОИД БА (МҚД/МТ/МПСҚО):

- Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ (Роҳбари Комиссия);
- Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон (муовини Роҳбари Комиссия);
- Муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини сардори Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Муовини сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Директори Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон (котиби Комиссия).

Даъватшудагон:
Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 20 февралали соли 2018

20 феврали соли 2018 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Маҳмадалӣ Ватанзода баргузор гардид. Дар ҷаласа масъалаҳои марбут ба даври 2-юми баҳодиҳии низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО-и кишвар ва ташрифи ҳайати коршиносон-баҳогузорони Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (ГАО) ба шаҳри Душанбе дар моҳи марти соли равон муҳокима гардиданд.




Дар рафти ҷаласа Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ иштирокдоронро бо натиҷаҳои фаъолияти анҷомдода дар мавриди омодагӣ ба даври 2-юми баҳодиҳии тарафайн аз наздик ошно сохта, барои самаранок ба итмом расидани ин марҳилаи барои кишвар муҳим маслиҳатҳои муфид пешниҳод намуд. Дар баробари ин, аз ҷониби намояндаи Департаменти мониторинги молиявӣ оид ба омодагӣ ба даври 2-юми баҳодиҳӣ маълумот пешниҳод гашта, раванди ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами рӯз дар ин самт аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ қайд гардид.



Дар рафти ҷаласа аъзоёни Комиссия оид ба як қатор масъалаҳои марбут ба даври 2-юми баҳодиҳии тарафайн ибрози назар намуда, омодагии худро барои дар сатҳи баланд гузаронидани ин марҳилаи муҳим изҳор доштанд.

Маврид ба зикр аст, ки дар доираи ҷаласаи Комиссия инчунин, як қатор масъалаҳои марбут ба фаъолияти амалии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти МҚД/МТ/ММПСҚО, аз ҷумла, мавриди мувофиқа қарор додани лоиҳаҳои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба як қатор қонунҳои кишвар, муҳокимаи масъалаҳои ҳамкории Департаменти мониторинги молиявӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон бо мақомоти танзим ва назорати давлатӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО баррасӣ гардиданд.

## 14 июни соли 2018

14 июни соли 2018 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО баргузор гардид.

Дар рафти ҷаласа масъалаи пешниҳоди мактуби ҷавобӣ ба Котиботи Гурӯҳи Авросиё оид ба МҚД/МТ нисбати лоиҳаи нахустини Ҳисобот оид ба натиҷаҳои баҳодиҳии тарафайн муҳокима гардид.




Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ С. ба иштирокдорон оид ба натиҷаҳои фаъолияти анҷомдода доир ба мавриди баррасӣ қарор додани лоиҳаи нахустини Ҳисобот оид ба натиҷаҳои баҳодиҳии тарафайн маълумот пешниҳод намуд.

Дар баробари ин, аз ҷониби намояндаи Департаменти мониторинги молиявӣ маълумот нисбати вазъи кунунӣ ва фаъолияти минбаъда оид ба омода намудани мактуби ҷавобӣ ба Котиботи Гурӯҳи Авросиё пешниҳод гардид.

Ватанзода М.М. зимни суханрониаш қайд кард, ки тибқи Тартиботи гузаронидани баҳодиҳии тарафайни аз ҷониби Гурӯҳи Авруосиё тасдиқшуда, дар ҷаласаи навбатии Пленарии Гурӯҳ натиҷаи баҳодиҳии тарафайни низоми МҚД/МТ/МПСҚО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор хоҳад гирифт.



Вобаста ба ин, омодагии ҳамаҷонибаи мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати баррасии ин масъала дар ҷаласаи Гурӯҳи Авросиё муҳим буда, дар сурати пайдо гардидани мушкилот дар раванди баҳодиҳӣ, кишвар метавонад ба низоми мониторинги комилан пурзӯри Гурӯҳи Авросиё қарор гирад.

Дар рафти ҷаласа аъзоёни Комиссия нисбати камбудиҳои ҷойдошта дар лоиҳаи Ҳисобот бо мақсади пешниҳод намудан ба ҳайати коршиносон-баҳогузорони Гурӯҳи Авросиё ибрози назар намуданд.

Дар қисмати ҷамъбастӣ Ватанзода М.М. ба аъзоёни Комиссия вобаста ба иҷрои муқаррароти мактубҳои аз ҷониби Департаменти мониторинги молиявӣ воридгардида ва пешниҳоди хулосаҳои саҳеҳ ба матни Ҳисобот дастуру супоришҳои қатъӣ доданд.

## 3 августи соли 2018

3 августи соли 2018 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО баргузор гардид.




Ҷаласаро бо сухани ифтитоҳӣ Ватанзода М. оғоз намуда, сипас, мутобиқи бандҳои алоҳидаи рӯзнома намояндагони як қатор вазорату идораҳо (аъзоёни Комиссия), инчунин, Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон суханронӣ намуданд.



Аз ҷумла, муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ Сироҷиддин ба иштирокдорон оид ба натиҷаҳои фаъолияти анҷомдодаи вазорату идораҳои салоҳиятдор доир ба мавриди баррасӣ қарор додани лоиҳаи дуввуми Ҳисобот оид ба натиҷаҳои баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намуд.

Аз ҷониби намояндаи Департаменти мониторинги молиявӣ нисбати вазъи кунунӣ ва фаъолияти минбаъда оид ба омода намудани мактуби ҷавобӣ ба Котиботи Гурӯҳи Авруосиё маълумот пешниҳод гардид. Инчунин, аъзоёни Комиссия нисбати камбудиҳои ҷойдошта вобаста ба ирсол намудан дар лоиҳаи Ҳисобот ибрози назар намуданд.

Дар баробари ин, зимни ҷаласа ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои иштирок дар вохӯрии "рӯ ба рӯ"-ро, ки рӯзҳои 5 - 7 сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Москва, ба нақша гирифта шудааст, муҳокима намуданд.




Қайд кардан ба маврид аст, ки дар рафти баррасии бандҳои рӯзнома, қарорҳои марбута қабул гардид, аз ҷумла, Роҳбари Гурӯҳи корӣ оид ба гузаронидани Баҳодиҳии хавфи миллии ҚД/МТ тасдиқ шуд.

Дар баробари ин, масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳайати Комиссияи байниидоравӣ, бинобар сабаби васеъ гардидани ваколатҳои Комиссия ба муқовимат ба маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин таъсиси сохторҳои нави давлатие, ки ба ваколати онҳо масъалаи МҚД/МТ/МПСҚО дохил мешавад, баррасӣ гардид.

Бояд қайд намуд, ки зимни баромади худ Икромӣ С.С. вобаста ба саривақт пешниҳод намудани маълумот ба коршиносон – баҳогузорон ва зарурати бетағйир мондани шахсони масъул дар самти МҚД/МТ/МПСҚО изҳори нигаронӣ кард.

Дар қисмати ҷамъбастӣ Ватанзода М.М. қайд намуд, ки баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи Тавсияҳои ФАТФ аз соли 2012 сурат гирифта истода, дар навбати худ таваҷҷуҳи махсуси кишвар, ҳамзамон вазорату идораҳоро дар алоҳидагӣ тақозо менамояд.

## 12 октябри соли 2018

12 октябри соли 2018 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО баргузор гардид.



Роҳбари Комиссия иброз дошт, ки тибқи тартиби гузаронидани баҳодиҳии тарафайн дар Ҷаласаи 29-уми Пленарии Гурӯҳи Авруосиё, ки 12-16 ноябри соли 2018 дар шаҳри Минск (Ҷумҳурии Беларус) баргузор мегардад, натиҷаи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Дар рафти ҷаласа, вобаста ба баҳодиҳии тарафайн Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Машрабзода Ҳ.М. суханронӣ намуда, қайд кард, ки яке аз сабабҳои ҷамъомад - ин мавриди баррасӣ қарор додани масъалаи омода намудани хулоса ва тайёр кардани саволҳо барои муҳокима дар ҷаласаи Гурӯҳи кории Гурӯҳи Авруосиё оид ба баҳодиҳии тарафайн ва масъалаҳои ҳуқуқӣ, инчунин омодагӣ ба ҳимояи мавқеи кишвар дар Ҷаласаи 29-уми Пленарии Гурӯҳи Авруосиё маҳсуб меёбад. Номбурда зикр намуд, ки аз ҷониби коршиносон-баҳогузорони Гурӯҳи Авруосиё лоиҳаи 3-юми (ниҳоӣ) Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайн ворид гардида, он тавассути Бонки миллии Тоҷикистон ба вазорату идораҳо барои пешниҳоди хулоса ирсол карда шуд.

Дар идомаи ҷаласа, вобаста ба вазъи кунунӣ дар самти муҳокимаи лоиҳаи 3-юми Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Департаменти мониторинги молиявӣ рӯнамо пешниҳод гардид.



Сипас, тибқи барнома ҷиҳати пешниҳоди маълумот нисбат ба фаъолияти минбаъда дар самти татбиқ намудани натиҷаҳои Баҳодиҳии хавфи миллии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (БХМ ҚД/МТ) Сироҷзода С.- Роҳбари Гурӯҳи корӣ оид ба гузаронидани БХМ ҚД/МТ баромад намуд. Сироҷзода С. иброз дошт, ки айни замон зарурати барпо кардани ҷаласаи Гурӯҳи корӣ оид ба БХМ ҚД/МТ бо мақсади идомаи фаъолият дар доираи БХМ ҚД/МТ ба миён омадааст. Ӯ пешниҳод намуд, ки ба ҳайати Гурӯҳи корӣ оид ба БХМ ҚД/МТ намояндагони Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шаванд. Вобаста ба ин, аз Роҳбари комиссия хоҳиш карда шуд, ки масъалаҳои зикргардида таҳти баррасӣ қарор дода шаванд.

Дар интиҳои ҷаласа Ватанзода М. қайд намуд, ки иштирок дар Ҷаласаи 29-уми Пленарии Гурӯҳи Авруосиё охирин имкони пешниҳоди маълумот нисбат ба Ҳисобот мебошад. Аз ин лиҳоз, омодагии ҳамаҷонибаи мақомоти кишвар, инчунин, иштироки мутахассисони болаёқат дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ғайр аз ин, дар рафти ҷаласаи мазкур масъалаҳо марбут ба иҷрои қарорҳои Пайнавишти ҷаласаҳои қаблӣ, аз ҷумла тартиб ва мӯҳлати иҷрои онҳо баррасӣ гардиданд. Таъкид гардид, ки баррасии қонунгузорӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО вазифаи на танҳо мақоми ваколатдор, балки дигар мақомоти дахлдори кишвар низ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, супориш дода шуд, ки вазорату идораҳои дахлдор дар ин самт масъулияти бештарро бар дӯш гиранд.



# БОБИ 3. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## Ба имзо расонидани созишномаҳои ҳамкорӣ

Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти кашшофии молиявии хориҷӣ барои пешгирии ҳолатҳои қонунвайронкунии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом мусоидат менамояд.

Дар асоси созишнома мақомоти кашшофии молиявӣ муносибатҳои тарафайнро оид ба ҳамкории самарабахш ва таъмини иттилоот вобаста ба иҷрои вазифаю ухдадориҳое, ки меъёрҳои байналмилалӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мақсади МҚД/МТ/МПСҚО  ба танзим медароранд, тақвият медиҳанд.

Департаменти мониторинги молиявии назди бонки миллии Тоҷикистон дар доираи вазифаю салоҳиятҳои худ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО баҳри таъмини амнияти иқтисодии давлат ва низоми молиявӣ аз унсурҳои ҷиноятпеша бо мақомотҳои кашшофии молиявии хориҷӣ ва ниҳодҳои дахлдори ҷумҳурӣ ҳамкориро пурра ба роҳ монд.

Дар робита ба татбиқи талаботҳои моддаи 16 Қонуни соҳавӣ ҷиҳати ҳамкорӣ ва мубодилаи маълумоти тарафайн Департамент лоиҳаи созишномаҳои ҳамкориро бо Мақомотҳои кашшофии молиявии якчанд давлат, инчунин Қатар, Урдун, Кореяи Ҷанубӣ, Ӯзбекистон Ҷумҳурии Латвия, Ҷумҳурии Литва, Малайзия ва ғайра таҳия намуд, ки он дар баррасии тарафайн қарор дорад.

# Иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ-омӯзишӣ

Аз 16 то 20 апрели соли 2018 дар ш.Москва (Федератсияи Русия) омӯзиш барои ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи барномаи “Баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (МҚД/МТ) баргузор гардид. Чорабинии мазкур аз тарафи Маркази байналмилалии таълимию методии мониторинги молиявии Федератсияи Русия (МБТМММ) тибқи ҳамкории мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар симои Бонки милии Тоҷикистон) ва Федератсияи Русия (дар симои Хадамоти федералии мониторинги молиявии Федератсияи Русия) гузаронида шуда, дар он намояндагони Макотиби олии кишвар, инчунин, намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла, Департаменти назорати бонкӣ ва Департаменти мониторинги молиявӣ ширкат варзиданд.



Санаи 13-14 сентябри с.2018 бо ташаббуси ГАО  ва Маркази байналмилалии омӯзишӣ-методии мониторинги молиявӣ, 4-умин семинари байналмилалӣ дар мавзӯи “Назорати таъсирбахш ҳамчун механизми таъмини бахшҳои ғайримолиявӣ ва ихтисосҳо дар низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо“ ва “Машварат бо бахши хусусӣ” баргузор гардид, ки дар он намояндагони Департамент ва бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзиданд. Ҳадаф аз баргузории ин чорабинӣ мубодилаи  таҷриба бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти назоратӣ ва бахши ғайримолиявӣ ва ихтисосҳо ба ҳисоб мерафт.




Аз ҷониби Хадамоти федералии мониторинги молиявии Федератсияи Русия (Росфинмониторинг) ва Институти шабакавии байналмилалӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (МҚД/МТ), рӯзҳои 12-14 ноябри соли 2018 дар ш.Москва конфронси илмӣ-амалии "Марҳилаи криптоиқтисодиёт: таҳдидҳои нав ва Регтех дар самти МҚД/МТ", дар майдони Институти физикии ба номи П.Н. Лебедеви Академияи илмҳои Русия ва Донишгоҳи миллии тадқиқотӣ ядрой "МИФИ" баргузор гардид, ки дар он намояндагони макотиби олии кишвар ва Департаменти мониторинги молиявӣ ширкат варзиданд.

Рӯзҳои 3-5-уми декабри соли 2018 дар ш.Новосибирск (Федератсияи Русия) семинари шарикии Гурӯҳи Осиё ва Уқёнуси Ором (ЕАГ/АТГ) оид ба типологияҳо баргузор гардид, ки дар он намояндагони Департамент ва якчанд бонкҳои ҶТ ширкат варзиданд. Дар семинари мазкур бештар аз 200 нафар коршиносони пешсаф дар самти МҚД/МТ, аз ҷумла, аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти кашшофии молиявӣ, мақомоти прокуратура, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин, намояндагони махсус даъватгаштаи ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва бахши хусусӣ аз  Аврупо ва минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором ширкат варзиданд. Бояд қайд кард, ки семинари мазкур бо мақсади фароҳам овардани шароит барои мубодилаи андеша ва таҷриба байни минтақа бо мақсади беҳтаркунӣ ва пурзӯр намудани ҳамкории байниминтақавӣ байни кишварҳои аъзо дар самти МҚД/МТ гузаронида шуд.




# БОБИ 4.
# ДАВРИ 2-ЮМИ БАҲОГУЗОРИИ ТАРАФАЙНИ НИЗОМИ МИЛЛИИ МҚД/МТ/МПСҚО-И ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аз моҳи сентябри соли 2017 то моҳи ноябри 2018 сол Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни марҳилаи дуюми баҳодиҳии тарафайни низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО аз ҷониби коршиносони Гурӯҳи Аврусиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм қарор дошт. Мақсад аз баргузории даври 2-ми баҳогузории тарафайни низоми МҚД/МТ/МПСҚО - баҳогузории мутобиқати техникии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботҳои Тавсиязои ФАТВА ва инчунин самаранокии кишвар ба стандартҳои байналмилалӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО - фаъолияти мақомоти салоҳиятдор дар ин самт мебошад.

Бо мақсади баргузории даври 2-юми баҳодиҳии тарафайни низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО ҳайати коршиносон-баҳогузорони ГАО аз 5 то 16 марти соли 2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт. Мақсад аз ташриф ва баргузории вохӯриҳои ҳайати коршиносон-баҳогузорони ГАО бо намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузории мутобиқати самаранокии кишвар ба стандартҳои байналмилалӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО ба ҳисоб мерафт.



Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №966 аз 12 декабри соли 2017 Бонки миллии Тоҷикистон (Департаменти мониторинги молиявӣ) мақоми ваколатдор дар самти МҚД/МТ/МПСҚО таъин гардидааст. Вобаста ба ин, як қатор вохӯриҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардиданд.

Вохӯрии нахустини ҳайати коршиносон дар Бонки миллии Тоҷикистон санаи 5-уми март бо директори Департаменти мониторинги молиявӣ сурат гирифт. Вохӯриро Файзуллозода Ф. - и.в. Директори Департаменти мониторинги молиявӣ кушода, оид ба корҳои анҷомдодашуда ҷиҳати омодагӣ ба баргузории даври дуюми баҳодиҳии тарафайн сухан ронд. Файзуллозода Ф. қайд намуд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти салоҳиятдори кишвар бастаи ҳуҷҷатҳо оид ба мувофиқати техникӣ ва татбиқи чораҳои МҚД/МТ/МПСҚО омода гардида, ба коршиносони ГАО пешниҳод карда шуданд.



Сипас, дар робита ба суолҳои коршиносон аз ҷониби намояндагони Департамент оид ба фаъолияти Департамент, аз ҷумла дар самти ҳамкорӣ бо мақомоти кашшофии молиявии дигар кишварҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварамон рӯнамо (презентатсия) пешниҳод гардид. Аз ҷониби намояндагони Департамент инчунин вобаста ба масъалаҳо дар доираи Саволномаи мутобиқати техникӣ маълумотҳо пешниҳод гардид.

Нимаи дуюми рӯз вохӯриҳо бо ҳайати Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МКД/МТ/МПСҚО таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ватанзода М.М баргузор гардид. Дар рафти вохӯрӣ аз ҷониби Роҳбари Комиссия ба ҳама саволҳои коршиносон ҷавобҳои мушаххас пешниҳод гардиданд.

Худи ҳамин рӯз вохӯрии коршиносон бо Гурӯҳи корӣ оид ба Баҳодиҳии хавфи миллии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм баргузор гардид. Дар рафти вохӯрӣ аз ҷониби намояндаи Гурӯҳи кории мазкур оид ба ҳисоботи Баҳодиҳии хавфи миллӣ маълумот дар шакли рӯнамо пешниҳод гардид. Сипас, ба ҳайати коршиносон дар доираи суолҳояшон вобаста ба ҳисоботи мазкур оид ба баҳодиҳии хавфҳо дар бахшҳо маълумоти муфасал пешниҳод гардид.



Баъдан, вохӯрӣ бо намояндагони як қатор воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, аз ҷумла, Департаменти назорати бонкӣ, Идораи муносибатҳои байналмилалӣ, Идораи назорати суғуртавӣ ва Идораи низоми пардохт баргузор гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки тибқи барнома дар рафти ташриф вохӯрии ҳайат бо намояндагони мақомоти салоҳиятдори кишвар низ ба нақша гирифта шуда буд.

14 марти соли 2018 дар Бонки миллии Тоҷикистон вохӯрии ҷамъбастии ҳайати коршиносон-баҳогузорони ГАО бо ҳайати Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МКД/МТ/МПСҚО баргузор гардид.




Дар доираи ташрифи ҳайати мазкур тибқи барнома як қатор вохӯриҳои коршиносон-баҳогузорони ГАО бо намояндагони Тоҷикистон, аз ҷумла, бо ҳайати Комиссия, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои назоратӣ ва бахши хусусӣ гузаронида шуданд.



Дар рафти ҷаласаи ҷамъбастӣ, аз ҷониби коршиносон-баҳогузорон шакли ниҳоии лоиҳаи ҳисобот оид ба ҳайати сайёрӣ пешниҳод гардид, ки дар оянда барои тақвият бахшидани ҳамкории муштарак миёни мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон бо коршиносон-баҳогузорони ГАО ҷиҳати омода намудани ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа ба стандартҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) ва самаранокии низоми МҚД/МТ/МПСҚО ба кор бурда хоҳад шуд.

Ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсталаб нисбат ба лоиҳаи Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайн ҳайати ҶТ зери роҳбарии Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ватанзода М.М. барои иштирок дар вохӯрии “рӯ ба рӯ” бо коршиносон-баҳогузорони ГАО рӯзҳои 5 - 7 сентябри соли 2018 ба ш. Москва (Федератсияи Русия), сафар намуд.




Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳайати байниидоравӣ аз намояндагони роҳбарият ва шахсони масъули вазорату идораҳои дахлдори низоми МҚД/МТ/МПСҚО, аз ҷумла: Вазорати адлия, Вазорати молия, Прокуратураи генералӣ, Суди олӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Хадамоти гумрук, Кумитаи андоз, Бонки миллии Тоҷикистон, Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ иборат буд.

Қобили зикр аст, ки тули 3 (се) рӯз ҳам коршиносон ва ҳам ҳайати кишвар тавонистанд як қатор масъалаҳои баҳсталабро ҳаллу фасл намоянд. Бояд гуфт, ки коршиносон ба натиҷаҳои вохӯрӣ баҳои мусбат доданд.




Рӯзҳои 12 - 16-уми ноябри соли 2018 дар ш. Минск (Ҷумҳурии Беларус) Ҷаласаи 29-уми пленарӣ баргузор гардид. Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ватанзода М.М. иборат аз намояндагони мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Прокуратураи генералии ҶТ, Вазорати адлияи ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, Бонки миллии Тоҷикистон ва Департамент ширкат варзид. Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни кишвар зимни Ҷаласаи 29-уми пленарии ГАО муҳокима гардида, тасдиқи худро пайдо кард. Мутобиқи қарори Ҷаласаи пленарӣ пас аз анҷом ёфтани таҳлили “Сифат ва мутобиқат”, санаи 28 декабри соли 2018 Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни ҶТ дар сомонаи ГАО ҷойгир шуда, мутобиқи Тартиботи гузаронидани даври 2-юми баҳодиҳӣ ҶТ мебояд дар Ҷаласаи 31-уми пленарии ГАО моҳи ноябри соли 2019 ҳисобот оид ба пешрафт пешниҳод намояд.

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон “Нақшаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафъи камбудиҳои мутобиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО)” дар доираи Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни кишвар таҳия гардид.

## Ҷаласаи 28-уми Пленарии Гурӯҳи Авросиё оид ба МҚД/МТ ва Ҷаласаи 11-уми Шӯрои Роҳбарони Воҳидҳои кашшофии молиявии давлатҳои аъзои ИДМ

Аз 22 то 26 майи соли 2018 дар ш. Нанкин (Ҷумҳурии Мардумии Чин) ҷаласаи 28-уми Пленарии Гурӯҳи Авруосиё (ГАО) оид ба МҚД/МТ ва ҷаласаҳои Гурӯҳҳои кории ташкилоти мазкур баргузор гардид. Дар чорабинии зикргардида, ҳайатҳои давлатҳои-аъзоёни ГАО, аз ҷумла Белорус, Ҳиндустон, Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Қирғизистон, Федератсияи Русия, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, инчунин намояндагони як қатор кишварҳои дигар ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки дар ГАО мақоми мушоҳидро соҳиб мебошанд, ширкат варзиданд.

Ҷаласаи 28-уми Пленарии ГАО аз ҷониби Раиси Гурӯҳ хонум Сзинхуа ХАО (Ҷумҳурии Мардумии Чин) роҳбарӣ карда шуд. Бо сухани ифтитоҳӣ дар ҷаласа муовини Раиси Бонки Мардумии Чин Лиу Луосин ва Муовини губернатори музофоти Сзинхуа Лиу Ян баромад намуданд.

**Ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар давлатҳои-аъзои ГАО дар ин чорабинӣ ширкат варзида, аз шахсони зерин иборат буд:**

1. Ватанзода М.М. - Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ (Роҳбари ҳайат);
2. Назарзода Х. - Муовини якуми Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Икромӣ С.С. - Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон;
4. Идрисзода И. - Муовини Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Файзуллозода Ф. - Директори Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон.

Инчунин, дар қатори ҳайати расмӣ намояндагони Вазорати адлия, Вазорати молия, Вазорати корҳои дохилӣ ва Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати иштирок дар ҷаласаҳои кории Гурӯҳи мазкур ширкат варзиданд.



Дар рафти ҷаласаи Пленарӣ як қатор масъалаҳои муҳим мавриди баррасӣ қарор гирифта, нисбати онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд, аз ҷумла:

- Ба Кумитаи Шӯрои Бехатарии Созмони Милали Муттаҳид (СММ) мақоми мушоҳид дар Гурӯҳи Авросиё дода шуд;
- Масъалаҳо марбут ба фаъолияти амалии давлатҳои-аъзои ГАО дар самти мубориза ба маблағгузории терроризм мавриди баррасӣ қарор дода шуда, афзалияти вазифаҳо барои мубориза бо терроризм ва маблағгузории он қайд гардиданд;
- Ҳисоботи типологӣ дар мавзӯи "Ошкор намудани шахсоне, ки бо ташкилотҳои террористӣ тавассути харидорӣ намудани чиптаҳои ҳавопаймоӣ барои террористон-ҷанговарон ҳамкорӣ менамоянд" тасдиқ гардид. Ҳисоботи мазкур дар сомонаи ГАО ҷой дода мешавад;
- Иштирокчиёни ҷаласа ҳисоботро оид ба фаъолияти ГАО барои соли 2017 ва буҷети ГАО барои соли 2019 дастгирӣ намуданд;
- Ҳамкорӣ бо Гурӯҳи Осиё ва Уқёнуси ором дар қисмати гузаронидани тадқиқотҳои типологӣ оид ба ҚД/МТ муҳим арзёбӣ гардид;
- Масъалаҳо марбут ба ҳамоҳангсозии ёрии техникӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баргузории вохӯрии минтақавии донорҳо дастгирӣ ёфтанд.
- Маълумот оид ба тағйирот ба қонунгузории миллии давлатҳои-аъзои ГАО дар самти МҚД/МТ/МПСҚО ва гузаронидани Баҳодиҳии хавфи миллии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм пешниҳод гардид.

Дар рафти Ҷаласаи Пленарӣ дар қатори масъалаҳои болозикр натиҷаи баҳодиҳии тарафайни низоми МҚД/МТ-и Ҷумҳурии Қирғизистон баррасӣ гардид.




Ҳисобот оид ба натиҷаи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Қирғизистон дар доираи даври дуюми баҳодиҳии тарафайни ГАО аз ҷониби ҷаласаи Пленарӣ тасдиқ гардид. Ҷумҳурии Қирғизистон нахустин давлате мебошад, ки аз давраи дуюми баҳодиҳии тарафайн мутобиқи стандартҳои нави Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) гузаштааст.

Мутобиқи тартиботи гузаронидани баҳодиҳии тарафайни ГАО Ҷумҳурии Қирғизистон вазифадор гардид, ки дар ҷаласаи 30-юми Пленарии ГАО, ки моҳҳои май-июни соли 2019 баргузор хоҳад гашт, ҳисоботро оид ба пешрафт манзур намояд. Пас аз анҷом ёфтани тартиботи ФАТФ оид ба таҳлили сифат ва мутобиқатӣ Ҳисобот оид ба натиҷаҳои баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Қирғизистон дар сомонаи ГАО ҷойгир карда мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки айни замон марҳилаи дуюми баҳодиҳии тарафайни низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ГАО амалӣ гашта истодааст. Аз ин лиҳоз, иштироки намояндагони мақомоти кишвар дар ин ҷаласа таҷрибаи ғайричашмдошт мебошад.

Тибқи Тартиботи гузаронидани баҳодиҳии тарафайни аз ҷониби ГАО тасдиқшуда, дар ҷаласаи Пленарии ояндаи Гурӯҳи мазкур натиҷаҳои баҳодиҳии тарафайни низоми МҚД/МТ/МПСҚО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор хоҳад гирифт. Вобаста ба ин, омодагии ҳамаҷонибаи мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати баррасии ин масъала дар Ҷаласаи навбатии ГАО муҳим мебошад.

Инчунин, маълумоти иловагӣ аз натиҷаи ҷаласаи 28-уми Пленарӣ дар сомонаи расмии ГАО гузошта шудааст (www.eurasiangroup.org).

Ғайр аз ин, аз 21 то 23 май Ҷаласаи Гурӯҳҳои кории Ҷаласаи 11-уми Шӯрои Роҳбарони Воҳидҳои кашшофии молиявии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) баргузор гардид.



Дар чорабиниҳо намояндагони Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ф. Файзуллозода – Директори Департамент ширкат варзиданд.

Тибқи натиҷаи фаъолият, як қатор Қарорҳо, ки ба фаъолияти амалии оянда Шӯро таллуқ доранд, ба имзо расиданд. Бояд қайд кард, ки дар ҷаласаи Шӯрои мазкур бори нахуст Мақомоти кашшофии молиявии Ӯзбекистон таҳти роҳбарии Мавлонов А.Ю. – Сардори Департаменти мубориза бо ҷиноятҳои андоз ва асъорӣ ва қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаи назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба наздикӣ ба аъзогӣ пазируфта шуданд, иштирок намуданд.

# Ҷаласаи 29-уми пленарии ГАО ва Ҷаласаи 12-уми Шӯрои Роҳбарони Воҳидҳои кашшофии молиявии давлатҳои аъзои ИДМ

Аз 12 то 16-уми ноябри соли 2018 дар ш. Минск (Ҷумҳурии Беларус) Ҷаласаи 29-уми пленарӣ ва ҷаласаҳои Гурӯҳҳои кории Гурӯҳи Авросиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо ва маблағгузории терроризм (ГАО) баргузор гардиданд.

Дар чорабиниҳои ГАО ҳайати намояндагии давлатҳои аъзои ГАО: Беларус, Ҳиндустон, Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Қирғизистон, Федератсияи Русия, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, инчунин намояндагони давлатҳо ва ташкилотҳои мушоҳид иштирок варзиданд. Ҳайати намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Ватанзода М.М. аз намояндагони мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, аз ҷумла Прокуратураи генералӣ, Вазорати адлия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллии Тоҷикистон ва Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон иборат буд.



Ҷаласаи пленарӣ, ҳисобот ва хулосаи иҷроияи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи даври дуюми баҳодиҳии ГАО-ро, тасдиқ намуд. Иштирокдорони ҷаласа пешрафти назарраси Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба мукаммалгардонии низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (МҚД/МТ) баъд аз баҳодиҳии тарафайни пешинаро (соли 2008), таъкид намуданд. Ҷаласаи пленарӣ хулосаҳои асосӣ ва чораҳои тавсияшавандаи ба низоми МҚД/МТ Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандро, муҳокима намуд. Пас аз анҷом ёфтани тартиботи Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ оид ба мубориза ба софкории пул (ФАТФ) оид ба таҳлили сифат ва мутобиқат, ҳисобот дар сомонаи ГАО ҷойгир карда мешавад. Хотиррасон менамоем, ки ҷараёни баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи сентябри соли 2017 оғоз гардида буд. Дар давраи аз 5-ум то 16 марти соли 2018, ҳайати коршиносон-баҳогузорони ГАО ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади шиносоӣ бо фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатии низоми МҚД/МТ-и давлат ва намояндагони бахши хусусӣ (ташкилотҳои молиявӣ, инчунин муассисаҳо ва касбҳои муайяншудаи ғайримолиявӣ) ташриф оварданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дуюмин давлате мебошад (баъд аз Ҷумҳурии Қирғизистон), ки аз ҷараёни баҳодиҳии тарафайн дар доираи даври дуюми баҳодиҳии тарафайни ГАО гузаштаст.

Тибқи қоидаҳои гузаронидани даври 2-юми баҳодиҳии тарафайни ГАО Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешрафт дар Ҷаласаи 31-уми пленарӣ дар моҳи ноябри соли 2019 ҳисобот пешниҳод менамояд.



Дар доираи Ҷаласаи пленарӣ ҳамаи давлатҳои аъзо оид ба тағйирот ба қонунгузории миллии давлатҳои аъзои ГАО дар самти МҚД/МТ ва гузаронидани баҳодиҳии хавфи ҚД/МТ маълумот пешниҳод намуданд. Ҷаласаи пленарӣ Нақшаи Ҷумҳурии Қирғизистонро ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои мувофиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми МҚД/МТ, инчунин кӯшиши Ҷумҳурии Қирғизистонро вобаста ба ҷалби ташкилотҳои сарпараст барои иҷро намудани Нақшаи зикргардида, маъқул донист.

Дар рафти Ҷаласаи 29-уми пленарӣ озмуни ҳарсола вобаста ба ҳамкории беҳтарини мақомоти давлатӣ дар самти МҚД/МТ баргузор гардид. Дар баробари дигар давлатҳо-аъзоёни ГАО, аз ҷониби намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон (Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон) оид ба чунин ҳамкорӣ рӯнамо (кейс) пешниҳод карда шуд. Дар натиҷаи овоздиҳӣ, кейси мазкур беҳтарин эътироф гардид, ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ғолиби озмуни мазкур эълон карда шуд. Лауреатҳои озмун намояндагони Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Халқии Чин гардиданд. Аз ҷониби Раиси ГАО хонум Сзинхуа ХАО, тибқи анъанаи муқарраршуда ба ғолиб туҳфа аз фонди аввалин Раиси ГАО – Зубков В.А. супорида шуд.




14-уми ноябри соли 2018 дар Кумитаи иҷроияи ИДМ (ш. Минск, Ҷумҳурии Беларус) ҷаласаи 12-уми Шӯрои роҳбарони мақомоти кашшофии молиявии давлатҳои иштирокдорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ШРМКМ ИДМ) баргузор гардид. Дар ҷаласа роҳбарон ва намояндагони мақомоти кашшофии молиявии Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон иштирок намуданд. Ба сифати мушоҳид Директори мақомоти кашшофии молиявии Ҳиндустон ҳузур дошт. Мувофиқи тартибот, ҷаласаи Шӯро таҳти роҳбарии директори Департаменти мониторинги молиявии Ҷумҳурии Беларус – ҷаноби Реут В.Г. баргузор гардид.



Дар рафти ҷаласа роҳбарон ва коршиносони мақомоти кашшофии молиявӣ масъалаҳои паст намудани хавфҳо дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо ва маблағгузории терроризм дар фазои ИДМ-ро баррасӣ намуданд. Айни ҳол бо ташаббуси Шӯро, таҳрири нави Шартнома оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар доираи ИДМ омода гардидааст ва дар марҳилаҳои охирини мувофиқаи байнидавлатӣ қарор дорад.

Дар рафти ҷаласаи Шӯро иштирокдорон таҳияи муносибати ягона ҷиҳати танзими низомҳои пардохти электрониро бо мақсади пешгирии истифодаи онҳо барои ҚД/МТ (ташаббуси Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон) ва гузаронидани тадқиқоти таҳлилӣ оид ба гардиши криптоасъорҳо баррасӣ намуданд.

Ҷаласаи навбатии Шӯро моҳи майи соли 2019 дар ш. Москва баргузор мегардад.



# БОБИ 5. МАРКАЗИ ОМУЗИШӢ-МЕТОДӢ

Дар асоси банди 4-и Нақшаи амалисозии "Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои сс. 2018-2025" (бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 марти 2018, №1033 тасдиқ карда шудааст) тибқи Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №166 аз 7 декабри с. 2018 Маркази омӯзишӣ-методии Департамент таъсис дода шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мақсади асосии Маркази омӯзишӣ-методӣ ташкили низоми бисёрзинагии омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳое, ки бо маблағҳои пулӣ ва ё дигар молу мулк амалиёт анҷомдиҳанда дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО) мебошад.

Шунавандагон зимни курсҳои омӯзишӣ бо талаботи стандартҳои байналмилалӣ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО, аз чумла пайдоиш ва инкишофи шаклҳои қонунигардонии даромадҳо, терроризм ва маблаггузории он, ва инчунин маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ошно мегарданд. Курсҳои омузишӣ барои шунавандагон на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

Аз ҷумла, шунавандагон бо донишҳои назариявӣ роҷеъ ба усулҳои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, тартиби гузаронидани тафтишоти молиявии ҳамзамон, санҷиши дахлдори муштари, баҳодиҳии ҳавфҳои мавриди истифода қарор додани ташкилотҳои гайримолиявӣ барои мақсадҳои ҚД ва дигар самтҳои алоқаманд шинос мегарданд. Мавриди зикр аст, ки пас аз хатми курсҳои омӯзишӣ шунавандагон метавонанд дониши худро оиди МҚД/МТ/МПСҚО васеъ намуда, дар фаъолияти минбаъдаи худ татбиқ намоянд.

## Чорабиниҳои омӯзишӣ дар соли 2018

| Сана | Шакл | Мавзӯъ | Иштирокдорон |
|---|---|---|---|
| 18.01.2018 | Семинар | “Дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО)” | Барои намояндагони ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 30.01.2018<br>31.01.2018 | Семинар | Баҳодиҳии хавфҳои миллии ҚД/МТ, ш. Қурғонтеппа, вилояти Хатлон | Барои нотариусҳои давлатӣ ва мақомоти САҲШ |
| 01.02.2018<br>02.02.2018 | Семинар | Баҳодиҳии хавфҳои миллии ҚД/МТ, ш. Кулоб вилояти Хатлон | Барои нотариусҳои давлатӣ ва мақомоти САҲШ |
| 08.02.2018<br>09.02.2018 | Семинар | Баҳодиҳии хавфҳои миллии ҚД/МТ, ш. Хуҷанд, вилояти Суғд | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 12.02.2018<br>14.02.2018 | Курсҳои омӯзишӣ | Омодагӣ д ба даври 2-юми баҳодиҳии тарафайни Гурӯҳи Авросиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм | Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 17.02.2018 | Семинар | Баҳодиҳии хавфҳои миллии ҚД/МТ, ш. Душанбе | Барои нотариусҳои давлатӣ ва мақомоти САҲШ |
| 15.05.2018 | Семинар | “Муқовимат ба терроризм ва ифротгароии хушунатомез” ва инчунин бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони ташкилотҳои қарзӣ бахри бартараф кардани оқибатҳои манфии амалҳои террористӣ ва ифротгароӣ” | Барои намояндагони ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 05.07.2018 | Семинар | “Дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО)” | Барои намояндагони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда |
| 07.08.2018 | Семинар | “Дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО)” | Барои адвокатҳо ва нотариусҳои давлатӣ |
| 14.08.2018 | Семинар | “Дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО)” | Барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ |
| 04.10.2018 | Семинар | Ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ дар самти МҚД/МТ/МПСҚО | Барои кормандони Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ |
| 27.11.2018 | Семинар | “Дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО)” | Барои намояндагони ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

## Чорабиниҳои омӯзишӣ дар соли 2018

| | 2017 | 2018 |
|---|---|---|
| Мақомоти давлатӣ | 3 | 9 |
| Бахши хусусӣ | 4 | 7 |



Мутобиқи барномаи кории Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (МҚД/МТ) дар соли 2018 тариқи алоқаи видеоконфронсӣ шумораи зерини чорабиниҳои омӯзишӣ баргузор гардидааст:

| Сана | Шакл | Мавзӯъ | Иштирокдорон |
|---|---|---|---|
| 19.01.2018 | Семинар | Истифодаи низомҳои электронӣ ва криптоасъорҳо ҳамчун воситаи пардохт барои маводи мухаддир | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Бонки миллии Тоҷикистон<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 26.01.2018 | Семинар | Ҷиноятҳои бо криптоасъор алоқаманд: таҷрибаи байналмилалии тафтишотҳо | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 02.02.2019 | Семинар | Тартиби дастрас намудани маълумоти ахборотӣ аз бонкҳо: муносибат нисбат ба ташкилотҳо ва мониторинги молиявии босамар дар ҳамбастагӣ | Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 09.02.2019 | Семинар | Криптоасъорҳои ғайримарказонидашуда ва блокчейн: мӯҳтавои технология, хавфҳои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва чораҳо баҳри коҳиш додани хавфҳо | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 27.04.2018 | Семинар ва мизи мудаввар | Имкониятҳо ва таҷрибаи Комиссияи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба маблағгузории терроризм. Мубодилаи рӯйхатҳои шахсони алоқаманд бо терроризм ва манъи дороиҳои онҳо | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти танзим ва назорати давлатӣ<br>Мақомоти давлатӣ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 16.05.2018 | Мизи мудаввар | Иштироки мақомоти кашшофии молиявӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои - иштирокдорони ИДМ дар амалиёти байналмилалӣ алайҳи маводи мухаддир “Канал” | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 17.05.2018 | Мизи мудаввар | Финтех/регтех: имкониятҳои нав ва хавфҳо барои низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 09.02.2019 | Семинар | Финтех/регтех: имкониятҳои нав ва хавфҳо барои низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 01.06.2018 | Семинар ва мизи мудаввар | Тафтишотҳои байналмилалии молиявӣ. Фаъолшавии ҳаракат дар самти тафтишотҳои молиявии байналмилалӣ | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 08.06.2018 | Семинар | Методологияи истифодаи воситаҳои таҳлили визуалии маълумотҳо дар фаъолияти мақомоти кашшофии молиявӣ | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 22.06.2018 | Семинар ва мизи мудаввар | Мутамарказ шудани фаъолият бо типологияҳо | Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 26.06.2018 | Семинар | Нақши натиҷаи бевоситаи 4 дар рафти баҳодиҳии тарафайн ва феномени де-рискинг: консепсияи хавф ва коҳиш додани хавфҳо | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти танзим ва назорати давлатӣ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 04.07.2018 | Маҷлиси коршиносон | Гурӯҳи корӣ оид ба муқовимат ба маблағгузории терроризми Шӯрои Роҳбарони Мақомоти Кашшофии Молиявӣ | Мақомоти кашшофии молиявӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 18.07.2018 | Семинар | Муқовимат ба ҷиноятҳои марбут ба хариду фурӯши одамон | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти давлатӣ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 20.07.2018 | Семинар ва мизи мудаввар | Муқовимат ба маблағгузории терроризм тариқи муайян намудани амалиётҳо бо минтақаҳои хавфи баланддошта | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 27.07.2018 | Семинар ва мизи мудаввар | Таҷрибаи татбиқнамоии Қатъномаҳои Шӯрои амнияти СММ, манъ ва бекор кардани воситаҳои молиявии шахсоне, ки ба маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом алоқаманд мебошанд | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти танзим ва назорати давлатӣ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 09.08.2018 | Семинар ва мизи мудаввар | Назорати самаранок ҳамчун механизми таъмин намудани иштироки корхонаҳои ғайримолиявии ихтисосашон муқарраршуда дар низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда | Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 10.08.2018 | Семинар | Муайянкунӣ, исботкунӣ ва таъқиботи ҷиноятии ҷиноятҳои марбут ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 17.08.2018 | Семинар | Масъалаҳои актуалии муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар контексти ҳамгироӣи минтақавии кишварҳои Авруосиё | Мақомоти давлатӣ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ<br>Макотибҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 27.08.2018 | Семинар ва мизи мудаввар | Имкониятҳо ва роҳҳои самараноки тафтишот, муайянкунӣ ва баргардонидани дороиҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 07.09.2018 | Мизи мудаввар | Хусусияти нақшаҳои фаромарзии ҳисоббаробаркунии маблағҳо аз гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир бо истифода аз воситаҳои муосири молиявӣ | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Бонки миллии Тоҷикистон<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 14.09.2018 | Семинар | Технологияи ҳамкорӣ байни мақомоти тафтишотӣ ва мақомоти кашшофии молиявӣ зимни гузаронидани тафтишотҳои молиявӣ ва ҷиноятӣ | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 19.10.2018 | Семинар ва мизи мудаввар | Ташкили назорати дохилӣ бо мақсадҳои муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм аз ҷониби иштирокчиёни касбии бозори қоғазҳои қимматнок. Таҷрибаи амалӣ дар самти гузаронидани тафтишотҳои молиявӣ марбут ба ошкор намудани нақшаҳо ва усулҳои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда бо истифода аз қоғазҳои қимматнок | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Мақомоти танзим ва назорати давлатӣ<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 02.11.2018 | Семинар | Муқовимат ба киберҷиноятҳо дар соҳаи молия | Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ<br>Бонки миллии Тоҷикистон<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 23.11.2018 | Семинар ва мизи мудаввар | Муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм бо истифодаи ҳомиёнҳои электронӣ | Бонки миллии Тоҷикистон<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ<br>Намояндагони ташкилотҳои пардохтҳои электронӣ |
| 07.12.2018 | Маҷлиси коршиносон | Назорат дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм аз рӯи фаъолияти операторони алоқаи радиотелефонӣ. Қоидаҳои назорати дохилӣ барои операторони алоқа. Маҳак ва хусусиятҳои ошкор намудани амалиётҳои молиявии шубҳанок ҳангоми интиқолҳои маблағҳо тавассути почта. | Мақомоти кашшофии молиявӣ<br>Намояндагони ташкилотҳои алоқаи мобилӣ |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 14.12.2018 | Мизи мудаввар | Назорат дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм аз рӯи фаъолияти операторони алоқаи почта. Қоидаҳои назорати дохилӣ барои операторони алоқаи почта. Маҳак ва хусусиятҳои ошкор намудани амалиётҳои молиявии шубҳанок ҳангоми интиқолҳои маблағҳо тавассути почта | Хадамоти алоқа<br>Мақомоти кашшофии молиявӣ |
| 24.12.2018 | Мизи мудаввар | Технологияҳои иттилоотии аз ҷониби мақомоти кашшофии молиявӣ хориҷӣ истифодашаванда барои гузаронидани таҳлили аввалия ва стратегӣ | Мақомоти кашшофии молиявӣ |

## Дар соли 2018 тариқи алоқаи видеоконфронсӣ шумораи зерини чорабиниҳои омӯзишӣ баргузор гардидааст:

| | 2017 | 2018 |
|---|---|---|
| ВКС | 27 | 34 |

